*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 91 (4674) | ДУШАНБЕ, 10 ИЮЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД





(Идома аз шумораҳои гузашта)

**Ҳаштуми июли соли 2023 дар идомаи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди соҳаи моҳипарварӣ дар шаҳри Хуҷанд ба дарёи Сир як миллион моҳича сар доданд.**

Бояд гуфт, ки моҳичаҳо зотҳои «амури сафед», «пешонапаҳни сафед» ва «зағорамоҳӣ» мебошанд, ки дар ҳавзҳои хоҷагии моҳипарварии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Корпоратсияи моҳии тоҷик» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров парвариш карда шудааст. Тадбири мазкур бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади афзоиш додани саршумори моҳӣ дар дарёи Сир роҳандозӣ гардид.

Ҳоло дар вилояти Суғд 63 хоҷагии моҳипарварӣ ба қайд гирифта шудааст, ки масоҳати умумии ҳавзҳо 685 гектарро ташкил медиҳад. Хоҷагиҳои моҳипарварӣ дар ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов, Спитамен, Ашт, Айнӣ ва дар шаҳрҳои Конибодом, Исфара ва Панҷакент фаъолият мекунанд, ки дар онҳо моҳии зотҳои «амури сафед», «пешонапаҳни сафед», «зағорамоҳӣ», «гулмоҳӣ» «тосмоҳӣ» парвариш карда мешаванд.

Аз рӯи маълумоти масъулон моҳиҳои «амури сафед», «пешонапаҳни сафед» ва «зағорамоҳӣ» вобаста ба шароити обу иқлим ба ҳисоби миёна дар як сол аз 600 грамм то 1 килою 500 грамм вазн мегиранд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар 6 моҳи аввали соли ҷорӣ дар вилояти Суғд 430,70 тонна гӯшти моҳӣ истеҳсол шудааст, ки ин рақам дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 121 тонна зиёд мебошад.

Соли 2022 ба обанбори Баҳри тоҷик ва дарёи Сир як миллиону 600 ҳазор моҳича сар дода шудааст. Тибқи нақша, имсол марҳила ба марҳила 4 миллион дода моҳича сар дода мешавад. Ҳадаф аз сар додани моҳичаҳо ба обанбор ва дарёҳо афзун намудани шумораи моҳиҳо ва рушди соҳаи моҳипарварӣ дар мамлакат мебошад.

Дар ҳамон ҷо, дар аквариумҳо намудҳои моҳӣ аз оилаҳои «тосмоҳӣ» ва «гулмоҳӣ» муаррифӣ шуд, ки дар хоҷагиҳои моҳипарварии вилоят парвариш меёбанд. Таъсис додани хоҷагиҳои моҳипарварӣ ба тараққӣ додани соҳа ва рушди соҳаи саноати хӯроквори ва таъмини бозори дохилӣ бо гӯшти парҳезии моҳӣ мусоидат менамояд.

Баъди сар додани моҳиҳо ба дарёи Сир Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мутахассисони соҳа барои боз ҳам рушд додани ин бахши сердаромад ба иқтисоди миллӣ дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.



**Дар доираи сафари корӣ ба вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд, инчунин, бо роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он машварати корӣ доир намуданд.**

Дар кори машварат натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд дар 6 моҳи аввали соли 2023 баррасӣ гардида, вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли ҷорӣ муайян карда шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафари кориро, ки аз 5 то 8 июл дар як қатор шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷараён дошт, натиҷагирӣ карда, доир ба вазъи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва вазифаҳои дарпешистода андешаронӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки вазъи ҷаҳони имрӯза, бархӯрдҳои шадиди сиёсию низомӣ дар баъзе кишварҳо ва минтақаҳои дунё, тағйирёбии иқлим ва пайомадҳои вазнини он - хушксолӣ ва камобии пайдарҳам зиндагии мардуми сайёраро, махсусан дар самти таъминот бо маҳсулоти озуқаворӣ, торафт мушкилтар гардонида истодааст.

Сарвари давлат дар робита ба вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ зарур шумориданд, ки татбиқи пурраи ҳадафҳои стратегӣ ва нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ бояд вазифаи ҳар як фарди бедордил бошад.

Таъкид шуд, ки имрӯзҳо мавсими ҷамъоварии ҳосил идома дорад. Аз ин рӯ кишоварзон ва ҳар як оиларо зарур аст, ки барои беталаф ҷамъ овардани ҳосил ва захира намудани маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла маҳсулоти озуқаворӣ, барои мавсими зимистон диққати аввалиндараҷа диҳанд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ



**Даҳуми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Дар рафти суҳбат натиҷаҳои интихоботи президентии дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузоргардида мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Пешвои миллат бо таманниёти сиҳатмандӣ ва комёбиҳои нави беназир дар фаъолияти давлатӣ муҳтарам Шавкат Мирзиёевро бо натиҷаҳои муваффақонаи ин чорабинии муҳими сиёсӣ ва аз нав интихоб гардиданашон ба маснади олии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон самимона табрик гуфтанд.

Дар идомаи суҳбат ҷонибҳо ҳолат ва дурнамои муносибатҳои дӯстӣ, шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Тоҷикистону Ӯзбекистонро баррасӣ намуда, ҷараёни устувори рушди маҷмӯи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ҳар ду давлатро нек арзёбӣ карданд.

Дар ин зимн президентҳо алоқамандии тарафайнро барои идомаи амалҳои муштарак дар маҷрои таҳкими минбаъдаи муносиботи ҳусни ҳамҷаворechoии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мутобиқ ба манфиатҳои аслии ҳар ду мардуми ба ҳам бародар таъкид карда, атрофи масъалаҳои алоҳидаи мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор анҷом доданд.

Дар фарҷоми суҳбат Сарвари давлати мо ба Ӯзбекистони дӯст ва мардуми шарифи он сулҳу амонӣ, некрӯзӣ ва шукуфоии пойдор орзу намуданд.

## НОМАИ ШОДБОШӢ

**Даҳуми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев номаи шодбошӣ ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**

**«Муҳтарам Шавкат Миромонович!**

Табрикоти самимии моро ба муносибати пирӯзии қатъиятон дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бипазиред.

Натиҷаҳои ин рӯйдоди муҳими сиёсӣ далели равшани нуфузи баланди Шумо, эътимод ва ҳимояи қавии мардуми Ӯзбекистон аз роҳи стратегиатон мебошад, ки ба навсозии устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар ва тақвияти пайвастаи мавқеи он дар арсаи байналмилалӣ нигаронида шудааст.

Дар баробари таъкиди саҳми назарраси Шумо дар таъмини рушди афзояндаи муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Ӯзбекистон алоқамандии амиқи ин ҷонибро ба таҳкими ҳамаҷониба ва ғанӣ гардонидани ин раванд бо мазмуну мундариҷаи нави амалӣ изҳор менамоям.

Итминон дорам, ки мову Шумо дар оянда низ барои пешбурди самарабахши шарикии стратегӣ ва равобити ҳампаймонии ҳар ду кишвар мутобиқ ба манфиатҳои аслии мардумонамон саъю талоши муштарак ба харҷ хоҳем дод.

Ба Шумо, Шавкат Миромоновичи гиромӣ, сиҳатмандии комил, комёбиҳои навин ва иҷрои бомуваффақияти тамоми нақшаҳоятонро ба нафъи пешрафти бемайлони Ӯзбекистони дӯст ва ба мардуми бародари Ӯзбекистон сулҳи абадӣ, некуаҳволӣ ва шукуфоӣ орзумандам».

www.president.tj

**«Агар кишвар барои анҷом додани тадқиқоти илмӣ ва аз худ кардани технологияи нав саъю талош наварзад, он ногузир дар радифи мамлакатҳои ақибмонда қарор мегирад ва истиқлолияту асолати хешро аз даст медиҳад...».**

**(академик А. М. Прохоров, дорандаи Ҷоизаи нобелӣ)**



**Абдураҳмон ҚУРБОНОВ,**
**доктори илми фалсафа, сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии МТС назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ИЛМ ДАР МАРҲИЛАИ НАВ ҶОЙГАҲИ КАЛИДӢ ПАЙДО КАРД

**Далелҳои таърихӣ собит месозанд, ки давлатдории миллӣ, пеш аз ҳама, ба он халқҳое муяссар мегардад, ки дар кишвари онҳо илм ташаккул ёфта бошад. Давлатдории миллӣ ва сарнавишти миллати тоҷик дар даҳаи охири асри бист ба чунин ташаккулёбӣ ноил гардида, гардиши куллӣ ва оғози марҳилаи сифатан навро касб кард, ки дар ниҳоят фазои холии илмро пурратар гардонида, илм ҷойгоҳи калидӣ пайдо кард.**

Ин нукта дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат (23 - юми декабри соли 2022) роҷеъ ба самти рушди илм ва беҳтар гардонидани сатҳу сифати маърифатнокии кадрҳои ба талаботи муосир ҷавобгӯ чунин баён шудааст: «Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа мегардад».

Ворид гардидан ба ин марҳилаи нави таърихӣ дар назди роҳбарияти давлату миллати тоҷик ва тамоми сокинони Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон иҷрои вазифаи пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқу кишвар ва рукнҳои давлатдории муосирро пеш гузошт. Яке аз вазифаҳои муҳим дар ин самт ба вуҷуд овардани фазои мусоид барои рушди илм ва технологияи муосир, тарбияи кадрҳо ва ташкилу идора намудани соҳаи илму маориф дар шароити нав ба ҳисоб мерафт, зеро дар ҳар давру замон маориф ва илм омили муҳимтарини пешрафту пойдории давлату миллатҳо ба шумор рафта, ин арзишҳо дар таърихи башарият ҳамеша нақши асосӣ ва муайянкунанда доранд.

Ба замони соҳибистиқлолии кишвар назар карда, бо ифтихору сарфарозӣ гуфта метавонем, ки мардуми Тоҷикистон бо роҳбарии Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери фазои сулҳу суботи устувор, бо татбиқи сиёсати ҳадафманду амиқи давлатӣ, нақшаю барномаҳои созанда барои рушди илм ва маориф ба сӯи оянда қадам мегузоранд ва дар ин замина, аз ҷониби Сарвари давлат барои таҳкимбахшии соҳаи илму маориф ва истифодаи самараноки натиҷаҳои илм дар ҳаёти ҷумҳурӣ, давра ба давра чораҳои судманд андешида мешаванд. Вобаста ба ин, Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудаанд: « ... агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад, муҳимтар аз ҳама рушди давлат халалдор мегардад».

Дар ин давра давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардидани сиёсати мақсаднок ва босуботро дар самти рушди илм пайгирӣ намуда, барои аз ҳолати буҳронӣ раҳо намудани соҳаи мазкур тадбирҳои муфид андешида, барои дастгирӣ ва рушди муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва тарбияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ, татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва ворид намудани технологияҳои муосир корҳои мушаххас ба анҷом расонданд.

Таҳлили сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи илм собит месозад, ки аз ҷониби Президенти мамлакат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила амру фармонҳо ва қарору фармоишҳое қабул гардидаанд, ки барои дастгирӣ ва рушди соҳаи мазкур нақши муассир гузоштаанд. Роҳбарияти давлату Ҳукумат, олимони тоҷик, роҳбарони муассисаҳои илмию тадқиқотӣ барои ба роҳ мондани фаъолияти муътадили соҳаи мазкур, корҳои илмию тадқиқотӣ, тарбия намудани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ саъю талош меварзиданд. Чун робитаҳои илмӣ бо дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, аз ҷумла бо Федератсияи Россия, ҳанӯз канда нашуда буданд, олимони тоҷик барои ҷамъбасти тадқиқоти илмӣ, аз ҷумла ҳимояи рисолаҳои номзадию докторӣ, ба ҳамкорони хориҷии худ, хусусан ба ҳамкасбони россиягӣ, муроҷиат мекарданд ва дастовардҳои илмии худро муаррифӣ мекарданд.

Дар маҷмӯъ, аз рӯзҳои аввали истиқлолияти давлатӣ сарфи назар аз фазои носолими сиёсӣ ва вазъи номувофиқи иқтисодию иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ, бо кӯшишҳои Сарвари давлат барои таъмини фаъолияти муътадили илм ва муассисаҳои илмӣ чораҳои судманд андешида мешуданд. Ҳукумат аз рӯзҳои аввали истиқлолияти давлатӣ ба неруҳои ақлонии мамлакат, махсусан ба рушди илму маориф, тарбияи насли нави соҳиби донишу маърифати баланд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ хулосаҳои илмӣ, донишу малака ва дархосту пешниҳодоти онҳоро мавриди истифода қарор медод.

Агар дар Паёми соли 2021 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба илму дониш, яъне маърифатнок намудани мардум, ба таври зайл: « ... мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад» ёдовар шуда бошад, пас дар Паёми соли 2022 таъкидан зикр намуданд: «Вобаста ба ин бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Бинобар ин, илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад».

Мушоҳида ва таҳлилҳо собит месозанд, ки сарфи назар аз мушкилоте, ки дар ин самт вуҷуд доштанд, дар ин давра барои рушди босуботи илм ва маориф, ба роҳ мондани технологияҳои муосир бо истифода аз неруи илмии ҷумҳурӣ, аз дастовардҳои олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва академияҳои соҳавию мактабҳои олӣ барои дар истеҳсолоти ватанӣ ҷорӣ намудани дастовардҳои олимони тоҷик корҳои муайян ба анҷом расонда, маблағгузорӣ ба таври кофӣ ба роҳ монда шудааст. Ин аст, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ 41 мактаби олӣ фаъолият намуда, зиёда аз 229 ҳазор донишҷӯро фаро гирифта, аз рӯи 300 ихтисос мутахассис тайёр карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки ташрифи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 1996 ба Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои воҳӯрию суҳбати аввалинашон ба аҳли илм дар ин кохи донишу хирад барои Академияи илмҳо ва дигар муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ барномаи мукаммали фаъолият гардид.

Сарвари андешавар ва хирадгарои тоҷикон дар ин суҳбати ошкоро бо аҳли илм масоили мушкилоти соҳаи илм ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотиро дар давраи гузариш ва роҳҳои ҳаллу фасли мушкилоти мавҷудаи соҳаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, нақши тақдирсози илм ва неруи зеҳнии ҷумҳуриро дар рушди минбаъдаи иқтисоду фарҳанг ва ташаккули тафаккури созандаю ватандӯстонаи шаҳрвандон муҳим арзёбӣ намуданд.

Дар давраи истиқлолияти давлатӣ, тибқи қонунгузорӣ, ин масъалаҳо ҳамчун ҳамоҳангсози илм ба уҳдаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон вогузор гардид. Бо ин мақсад марҳила ба марҳила як силсила амру фармонҳои Президент, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд, ки барои ташкил, идора ва истифодаи самараноки илм ва захираи зеҳнии ҷумҳурӣ дар марҳилаи нав мусоидат намуданд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД



**(Идома аз саҳ. 1)**

Роҳбарону мутахассисони вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор шуданд, ки ба таври ҳатмӣ кишти такрориро ба роҳ монда, аз заминҳои обӣ 3-4 ҳосил гиранд.

Барои ба талабот ҷавобгӯ кардани фазои сармоягузорӣ роҳбарияти вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он супориш гирифтанд, ки ҷалби сармоя, амалишавии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории давлатиро зери назорат гирифта, барои бартараф намудани камбудиҳои дар татбиқи баъзе лоиҳаҳо ҷойдошта чораҳои қатъӣ андешанд.

Бо дарназардошти ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор шуданд, ки корро барои ҷалби ҳар чӣ бештари сармояи мустақими хориҷӣ тақвият бахшанд.

Бонки миллӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ аз Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш гирифтанд, ки барои афзоиш додани қарз, аз ҷумла пешниҳоди қарз ба соҳибкорони истеҳсолӣ, махсусан ба минтақаҳои дурдаст, тадбирҳои саривақтӣ андешанд. Мувофиқи маълумоти оморӣ, дар нимсолаи аввали соли равон суръати рушди истеҳсоли маҳсулот дар баъзе корхонаҳои коркарди маъдан, саноати ангишт ва саноати сабук коҳиш ёфта истодааст. Аз ин рӯ, роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор шуданд, ки фаъолияти барои ислоҳи вазъи бамеёнамода, инчунин дар самти ташкили корхонаҳои коркарди ашёи хом, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва зиёд кардани содироти маҳсулот вусъат бахшанд.

Дар доираи Нақшаи чорабиниҳои Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар вилояти Суғд сохтмон ва барқарорсозии 12 000 иншоот бино, аз ҷумла 700 корхонаю коргоҳи нави истеҳсолӣ бо зиёда аз 14 ҳазор ҷойи корӣ, ба нақша гирифта шуда, то имрӯз 26 фоизи нақша иҷро гардидааст.

Тибқи таҳлилҳо, вазъи иҷрои нақшаи корҳои ободонию созандагӣ дар як қатор шаҳру ноҳияҳои вилоят суст арзёбӣ гардид, ки аз масъулин андешидани тадбирҳои зарурӣ ба саривақтиро талаб менамояд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раисони вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он супориш доданд, ки якҷо бо роҳбарони гурӯҳҳои корӣ оид ба корҳои ободонию бунёдкорӣ иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатиро таҳти назорати ҷиддӣ ва доимӣ қарор дода, барои дар муҳлати муайяншуда супоридани иншооти ҷашнӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Супориш дода шуд, ки корҳои ободонию бунёдкорӣ, пеш аз ҳама, бояд ба таъсиси корхонаю коргоҳҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои кории нав, бунёди инфрасохтори зарурӣ, дар навбати аввал инфрасохтори иҷтимоӣ, бо санъати баланди меъморӣ бунёд намудани иншооту биноҳо ва дар ин раванд баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ равона карда шаванд.

Ба роҳбарону масъулони вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳои он ва вазорату идораҳо супо-



риш дода шуд, ки аз ҳоло барои ҳамаҷониба омода намудани соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, пеш аз ҳама, муассисаҳои маорифу тандурустӣ ва аҳолӣ, ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 чораҷӯӣ намоянд.

Дар охири суханронӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарият, фаъолон ва сокинони вилоят барои ҳимояи манфиатҳои миллию давлатӣ, эҳсоси ватандӯстию ватанпарастӣ, заҳматдӯстӣ ва риояи интизоми хизматӣ барору комёбӣ орзу карданд.

Баъди суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят ба Сарвари давлат ҳисобот доданд.

**Ҳаштуми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд дар ҷашни Тиргон, Иди зардолу ва асал иштирок намуданд.**

Пешниҳоди дастранҷи кишоварзон, маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ, ҳунарҳои мардумӣ, таомҳои гуногуни миллӣ, анвои зиёди маҳсулоти нонӣ, раванди омодакунии маҳсулоти гуногун аз зардолу ва намоишҳои фолклорӣ чорабиниро ба базмгоҳи ҳақиқии фараҳу хушҳолӣ ва шукргузорӣ аз фазои осудаи Ватану фаровонии ҳосили зироати кишоварзӣ табдил дода буд.

Дар гӯшаҳои намоишгоҳ полезӣ, зардолу, ғалладонагӣ ва дигар навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ дар шаклҳои гуногун бо тасвирҳои зебо пешниҳод шуд.

Тавре аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, миллати куҳанбунёду тамаддунофари тоҷик дар истифодаи самараноки замин, истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва такмили таҷрибаи заминистифодабарӣ дар дунё нақши муҳим гузоштааст. Ҷашнҳои чорганаи кишоварзӣ - Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон мисоли таҷрибаи омӯзандаи миллати кӯҳанбунёди тоҷик ва шуҳрат доштан дар истеҳсоли маҳсулоти босифати кишоварзӣ мебошад.

Тиргон ҷашни тобистонаи миллати тоҷик буда, таъмини зироат бо об, ҷамъоварии



беталафи ҳосил, кумак кардан ба якдигар, заминагузорӣ барои ҳосили навбатӣ ва баланд бардоштани самаранокии замин маҳаки асосии он мебошад.

Хоҷагидорони шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд навъҳои гуногуни зардолуро мутобиқи анъанаҳои миллӣ, расму оин ва хусусиятҳои хоси зардолупарварӣ дар шакли тару хушк намоиш доданд. Айни замон дар вилояти Суғд майдони умумии боғи зардолу 50 ҳазору 90 гектарро ташкил медиҳад, ки аз ин 34 389 гектараш ҳосилдиҳанда мебошад.

Исфара, Конибодом, Ашт, Кӯҳистони Мастчоҳ, Бобоҷон Ғафуров ва Айнӣ аз ҷумлаи шаҳру ноҳияҳои асосии зардолупарварӣ дар вилояти Суғд ба ҳисоб мераванд. Дар асоси таҳлил соли 2023 дар вилояти Суғд истеҳсоли зиёда аз 100 ҳазор тонна зардолу пешбинӣ гардидааст, ки ин нишондод нисбат ба соли 2022 як баробар зиёд хоҳад буд.

Кишоварзон барои дастгириҳои доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба фаъолияти истеҳсолкунандагони неъматҳои моддӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипос намуданд.

Зардолупарварӣ дар шароити вилояти Суғд яке аз самтҳои асосии соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани самаранокии замин, ба кор таъмин кардани аҳолии деҳот дар хоҷагиҳои деҳқонии корхонаҳои коркард ва васеъшавии имкониятҳои содиротӣ нақши муҳим дорад.

Дар намоишгоҳ «Қандак», «Мирсанҷалӣ», «Субҳонӣ» - дар маҷмӯъ тақрибан 180 навъ, намуна ва дурагаҳои зардолу, ки дар Тоҷикистон парвариш меёбанд, қисми зиёди он ба таври намунавӣ муаррифӣ шуд.

Ҳамчунин дар намоишгоҳ раванди хушконидани навъҳои гуногуни мева ва маҳсулоти аз зардолу омодашаванда муаррифӣ гардид. Бо бунёди корхонаҳои коркард ва омӯзиши таҷрибаи пешқадам имрӯз хушконидани зардолу дар шаклҳои гуногун ба роҳ монда шудааст. Такмили ин раванд ва васеъ ба роҳ мондани хушконидани мева ба зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ оварда расонидааст.

Дар оғоз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи ҷашни Тиргон, Иди зардолу ва асал бо маҳсулоти бандубастшудаи асал шинос шуда, занбӯриасалпарварони вилоят асал, гарди гул, шири модарзанбӯр, ширеш ва муми занбӯрро муаррифӣ намуданд.

Теъдоди оилаҳои занбӯри асал то якуми июни соли 2023 дар Тоҷикистон ба 263 703 оила баробар шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 6 586 оила буда, суръати рушд 102,6 фоизро ташкил медиҳад.

Солҳои охир теъдоди оилаҳои занбӯри асал ва маҳсулоти он дар ҳама шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла вилояти Суғд, зиёд шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз имкониятҳои васеъи вилоят масъулони дахлдори соҳа ва хоҷагидорони вилоятро ба ворид намудани зотҳои сермаҳсули занбӯри асал, омӯзиши ҳар чӣ бештари таҷрибаи муосир, истифодаи пурраи имкониятҳои табиӣ ва таъмини афзоиши истеҳсоли ин намуди маҳсулоти табобатӣ вазифадор карданд.

Инчунин, дар ҳамон рӯз намудҳои гуногуни маҳсулоти нонӣ, қаннодӣ, тарзи омода кардани нишоло ва набот бо ороиши махсуси идона пешниҳод карда шуд.

Ҷашни Тиргон, Иди зардолу ва асал ба базмгоҳи ҳақиқии шодию хушҳолӣ, арҷгузории мардум ба таъриху тамаддуни қадимаи заминистифодабарӣ, шукргузорӣ аз фаровонии ҳосил ва осудагии Ватани азизу маҳбуб табдил ёфт.

Маҳз доир шудани ҳамин гуна чорабиниҳои сатҳи баланд ба омӯзиши таҷрибаи пешқадами якдигар, таҳкими робитаи илм бо истеҳсолот, баланд бардоштани самаранокии замин ва афзун гардонидани дастовардҳои истеҳсолӣ такон мебахшад.

# ИЛМ ДАР МАРҲИЛАИ НАВ ҶОЙГАҲИ КАЛИДӢ ПАЙДО КАРД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмию тадқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ» , «Дар бораи таъсиси Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ», «Дар бораи ислоҳоти низоми маблағгузории илм», «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тасдиқ намудани тартиби аккредитатсияи давлатии муассисаҳои илмӣ» аз ҳамон ҷумлаанд.

Қобили қайд аст, ки қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбурда дар самти ташкил ва идоракунии илм ва муассисаҳои илмӣ, ҳамоҳангсозии мавзӯъҳои илмию тадқиқотие, ки аз ҳисоби давлат маблағгузорӣ шуда, дар муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва кафедраҳои мактабҳои олӣ ба анҷом расонда мешуданд, аз аттестатсия гузаронидани кадрҳои илмӣ ва илмию




педагогии тахассуси олӣ, ки дар кишварҳои гуногун рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя намудаанд, тартиби аз аккредитатсияи давлатӣ гузаронидани муассисаҳои илмӣ, инчунин консепсияи сиёсати давлатӣ барои рушди минбаъдаи илму техника дар шароити соҳибистиқлолӣ мусоидат намуданд.

Бояд тазаккур дод, ки шурӯъ аз солҳои 2000-ум дар сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм ва маориф марҳилаи тоза оғоз гардид. Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба рушди соҳаи маънавиёти шаҳрвандон сиёсати пайгирона ва босуботро амалӣ намуда, дар ин давра қарору фармоишҳое қабул гардиданд, ки маҳз талаботи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳуриро дар назди илм ба миён мегузоштанд.

Канда шудани риштаҳои ҳамкорӣ дар самти илм ва тарбияи кадрҳои илмӣ, баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, пеш аз ҳама, илмҳои дақиқ ва эксперименталиро дар ҳолати ногувор гузошт, зеро то ин дам муассисаҳои илмӣ ва кафедраҳои мактабҳои олии ҷумҳурӣ бо марказҳои бузурги илмии шӯравӣ дар самти тадқиқотҳои муштарак ва тарбияи кадрҳо ҳамкорӣ доштанд, ки ин ҳамкориҳо бо гузашти вақт қисман суст ва қисман қатъ гардиданд.

Дар ин давра, инчунин, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Консепсияи сиёсати давлатии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2015», «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015», қоидаҳои ташаккул, экспертиза, тасдиқ, маблағгузорӣ ва иҷрои барномаву лоиҳаҳои илмӣ ва илмию техникӣ, тасдиқи «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» қабул гардиданд, ки ҳар яки он барои ин марҳилаи рушди илм дар ҷумҳурӣ хеле саривақтӣ ва бамаврид буданд.

Аз ҷониби Ҳукумат тасдиқ гардидани «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои соли 2011-2015» ҳуҷҷати асосии роҳнамо барои фаъолияти муассисаҳои илмӣ - тадқиқотӣ ба шумор меравад. Дар заминаи ин ҳуҷҷати муҳим ва барои иҷрои бевоситаи он аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ барномаҳои зерин, аз қабили «Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015», «Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», «Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2015», «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020» тасдиқ гардиданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба татбиқи барномаҳои марбут ба соҳаи илм ва фаъолияти муассисаҳои илмӣ, аз ҷумла чунин зикр намуданд: «Вазъи имрӯзаи илми кишвар тақозо менамояд, ки барои ба равандҳои ҷаҳони имрӯза мутобиқ намудан ва тибқи талаботи замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ тадбирҳои муассир андешида шавад». Ин таъкидҳо ба он роҳнамун намуд, ки дар шароити бесобиқаи илму фановарӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ низ дигаргуниҳои муҳим ба вуҷуд ояд. Вобаста ба талаботи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва филиалу факултетҳо таъсис дода, барои омода кардани мутахассисони баландихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир барои пайванди илм ва истеҳсолот тадбирандешӣ намоянд.

Пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ барои тамоми ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, ки дар гузашта чун як ҷисми том дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла иқтисод, сиёсат, фарҳанг, илм, маориф бо ҳазорон риштаҳои ноаён пайваст буданд, мушкилоти зиёдро пеш овард. Аз ин рӯ, имрӯз ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таъмин намудани равобити муассисаҳои илмӣ ва олимону мутахассисони ҷумҳурӣ бо муассисаҳои илмӣ ва олимону донишмандони кишварҳои дигар чун як самти муҳими сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон оид ба соҳаи илм ва тарбияи мутахассисон муайян гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти илму маориф мутаваҷҷеҳ шуда, барои тавсеаи ҳамкориҳо ва равобити илмӣ чунин таъкид менамоянд: «Ҳамзамон бо ин, вобаста ба таъсиси донишгоҳҳои муштарак бо давлатҳои пешрафтаи дунё оид ба омӯзиши илмҳои муҳандисиву технологӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд». Бо мақсади беҳбуд бахшидан ба ин соҳа миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои дигар зиёда аз 80 созишнома оид ба ҳамкориҳои илмӣ, илмию техникӣ, тарбияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ ба имзо расонда шудаанд, ки ин ҳамкориҳо дар шароити рушди босуръати илму технология ва дастрасӣ ёфтан ба иттилооти нав оид ба соҳаи илму техника, нақши муҳим гузоштанд.

Миллати тоҷик дар давраи соҳибистиқлолӣ зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои осоишта бо фаъолияти бунёдкорона барои бунёди ҷомеаи озоду демократӣ дилпурона қадам мениҳад.

# КАФИЛИ РОҲҲОИ ОБОД ВА БЕХАТАР

**Ҳадафи асосии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз бунёду сохтмон ва таҷдиди роҳ ва туннелу пулҳо раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини рафтуомад миёни тамоми минтақаҳои мамлакат, инчунин ба қаламрави воҳид табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, хушбахтона дар ин самт комёб гардидем. Қобили зикр аст, ки бо азнавсозии шоҳроҳи Душанбе-Айнӣ-Истаравшан-Хуҷанд-Бӯстон-Чаноқ он бо роҳи байналмилалии Қароқурум-Кулма-Хоруғ-Кӯлоб-Душанбе пайванд гардида, яке аз қисматҳои асосии Роҳи бузурги абрешим эҳё шуд.**

Муҳимтар аз ҳама, бо бунёд ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани ин роҳ на танҳо ҳаракати нақлиёти автомобилӣ дар тамоми фаслҳои сол байни пойтахти мамлакат ва вилояти Суғд таъмин гардид, инчунин тавассути қаламрави кишварамон барои равобити нақлиётии давлатҳои ҳамсояи ҷанубӣ ва шарқӣ бо дигар давлатҳо шароити мусоид фароҳам омад.

Бунёди роҳ як тарафи масъала асту нигоҳ доштани он идомаи мантиқии ин раванд мебошад ва дар сурати амалӣ нагаштани ин кор вайрон гаштани роҳ аз эҳтимол дур нест. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти нақши арзандаи роҳи мавриди назар ва бо мақсади дар ҳолати хуб нигоҳ доштани он ба хулоса омаданд, ки механизми инноватсионӣ аз рӯйи низоми толлингӣ дар хизматрасонӣ ва идоракунии роҳи Душанбе - Чаноқ мавриди амал қарор гирад. Бинобар ин, тибқи шартномаи консессионӣ нигоҳдории шоҳроҳи автомобилгарди Душанбе-Чаноқ ба зиммаи филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шуд.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки солҳои қаблӣ роҳи мазкур ҳамасола ба муддати 6 -7 моҳ аз сабаби фаромадани тарма ва ҳодисаҳои дигари табиӣ баста мешуд. Ягон муассисаи нигоҳдории роҳ қудрати дар давоми сол мавриди истифода будани онро кафолат дода наметавонист. Он вақт ҳамватанони мо бо мушкилоти зиёд дуҷор гашта, баъзеҳо ҳатто ҷонашонро аз даст додаанд. Маҳз дар заминаи тадбирандешии Ҳукумати мамлакат ва ба шарофати фаъолияти пурмаҳсули «IRS» чунин хатарҳо бартараф шуда, аҳолӣ тамоми сол аз истифодаи роҳи автомобилгарди ба меъёрҳо ҷавобгӯ бархӯрдоранд.

Ҳоло филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳдории 348 километр роҳро ба зимма дорад. Бо назардошти мавқеи ҷуғрофии ҷойгиршавӣ роҳи Душанбе - Чаноқ нигоҳубини 24 соатаро талаб менамояд. Дар сурати каме бетафовутӣ ба нигоҳдории он мушкилии зиёд рӯи кор меояд. Агар дар фасли тирамоҳу зимистон кормандони «IRS» ба бартараф намудани тармаҳо, мунтазам тоза намудани роҳ аз барф ва коркарди он бо маводи зиддилағжиш машғул шаванд, дар мавсими гармо таъмиру таҷдиди роҳ, рафъи пайомади бориши борон, омадани сел, лағжиши кӯҳпора, соҳилмустаҳкамкунӣ самти асосии фаъолият аст.

Месазад ёдовар шавем, ки дар давоми фаъолият «IRS» зиёда аз 2 миллион метри мураббаъи роҳи Душанбе – Чаноқро таъмиру азнавсозӣ намуда, бо ин мақсад зиёда аз 250 ҳазор тонна мумфарш (асфалт) сарф кард. Илова бар ин, нигоҳдорӣ ва азнавсозии 58 пули ин масир бо хароҷоти зиёд амалӣ гардида, 3 пули калон, ки дарозии ҳар кадомаш аз 42 то 73 метр аст, пурра азнавсозӣ шудаанд.

Дар масире, ки роҳи Душанбе – Чаноқ ҷойгир аст, ягон корхонаи истеҳсоли асфалт ва дигар масолеҳи сохтмонии барои бахши роҳсозӣ зарур вуҷуд надошт. Тӯли фаъолияти филиали ширкати мазкур дар минтақаи Варзоб 2 корхона, Зарафшон - 2, Суғд 3 корхона, дар маҷмӯъ 7 корхона мавриди истифода қарор гирифт. Бо мақсади таъмини фаъолияти муназзами корхонаҳои мазкур харидории битум ва бо тавсеа ёфтани таъмиру азнавсозии роҳ, бартарафсозии тармаҳо, соҳилмустаҳкамкунӣ ва ғайра харидории сӯзишворӣ хеле афзуда, ҳар сол ҳаҷми зиёди ин мавод дастрас мешавад.

Ҳамасола тамоюли афзоишро касб намудани офатҳои табиӣ хароҷоти филиали ширкати мазкурро низ зиёд намуд. Бартарафсозии тармаҳо, дар маҷмӯъ, ба 2 миллиону 988 ҳазору 896 метри мураббаъ баробар аст.

Бо назардошти дар минтақаи аз лиҳози ҷуғрофӣ душвори кӯҳистон ҷойгир будани роҳи Душанбе - Чаноқ, коркарди он бо маводи зиддилағжиш мунтазам, аксар мавридшабона низ бояд амалӣ шавад. Бинобар ин, харҷи ин мавод низ сол то сол афзуда, дар ин муддат маводи зиддилағзиши харҷшуда 105 ҳазору 431 метри кубиро ташкил медиҳад.



Айни замон филиали ширкати номбурда соҳиби пойгоҳи пурқуввати техникӣ буда, шумораи техникаву механизмҳо ба 224 адад расидааст. Бо мақсади дар сатҳи баланд пеш бурдани фаъолият тӯли мавҷудият 134 иншоот, аз ҷумла пойгоҳ барои экспертҳо, анбор барои нигоҳдории маводи зиддилағжишу дигар масолеҳ, сеххои истеҳсолӣ, озмоишгоҳҳо, иншооти зиддитармавӣ, сохтаю мавриди истифода қарор гирифтанд.

Соли 2009 кормандони филиали ширкат ҳамагӣ 24 нафар буданд. Ҳоло бошад, 872 нафар фаъолият доранд. Дар маҷмӯъ, зиёда аз 50 ҳазор нафар ба шарофати мавҷудияти филиали ширкат манбаи даромад доранд. Мутаассифона, дар ин муддат 10 корманди «IRS» ҳангоми иҷрои вазифа, яъне бартарафсозии пайомади тармафароӣ ва таъмини ҳаракати бехатари шаҳрвандон, ҳалок шуданд.

Ҳодисаҳои ғайричашмдошти табиӣ дар роҳи Душанбе - Чаноқ хеле зиёд буда, роҳ мунтазам зери хавфи офатҳои табиӣ қарор дорад. Масалан, фаслҳои баҳору тобистон баландшавии сатҳи оби дарёҳои шафати роҳ зиёд буда, баъзе қисматҳои роҳ осеби ҷиддӣ мебинанд. Аз ин лиҳоз, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ хеле зиёд амалӣ шуда, дар маҷмӯъ, нишондиҳандаи марбут ба он 45 ҳазору 891 метри мураббаъ аст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми таҷдиди роҳи Душанбе - Чаноқ аз рӯи лоиҳа деворҳои ҳимоявӣ пешбинӣ нагардида буд. «IRS» бо ташаббуси худ, барои таъмини бехатарии шаҳрвандон дар масофаи 16000 метри тӯлонӣ чунин деворҳоро бунёд кард, ки то ин вақт чандин нафарро аз марг наҷот додааст.

Илова ба вазифаҳои мазкур, бо мақсади амалӣ намудани сиёсати иҷтимоии корпоративи худ солҳои 2013 - 2016 «IRS» лоиҳаи нигоҳдории қитъаи Нуробод - Нимич дар шоҳроҳи Душанбе - Рашт - сарҳади Қирғизистон (дар масофаи 73 километр)-ро бе мақсади гирифтани фоида татбиқ намуд. Ба ин восита филиали ширкат дар тамдиди муҳлати истифодаи яке аз роҳҳои дигари аҳамияти стратегидошта саҳм гузошт.

Дар ин замина ҳамватанонамон дарк кардаанд, ки истифодаи роҳ бо пардохти маблағи муайян тадбири саривақтӣ ва оқилона буда, пули пардохтнамудаи аҳолӣ барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳ, беҳтар намудани инфрасохтори нигоҳдории он ва харидории техникаву механизмҳои замонавӣ харҷ мешавад.

Фаъолияти пурмаҳсули филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба боло рафтани сатҳи хизматрасонии ба бахшҳои роҳу нақлиёт рабтдошта мусоидат намуда, ифтихормандем, ки баъзе давлатҳои собиқ ИҶШС маҳз ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайравӣ намуданд.

**Комрони АСЛОН, «Садои мардум»**

# ҒОЛИБОНИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «РОҲИ БЕХАТАР» МУАЙЯН ГАРДИДАНД

**Сеюми июли соли равон бахшида ба Рӯзи таъсисёбии Бозрасии давлатии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Озмуни ҷумҳуриявии «Роҳи бехатар» - 2023 ҷамъбаст гардид. Дар озмуни мазкур аз рӯи номинатсияи «Беҳтарин инъикоси фаъолияти Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаву шуъбачаҳои он дар ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат» муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Далер Абдулло сазовори ҷои аввал шуд.**

Рӯзноманигор Раҷаббек Илёсов дар номинатсияи «Беҳтарин мақолаҳои таҳлилӣ - тарғиботӣ дар мавриди технологияи муосири бехатарии нақлиё» ва лоиҳаи «Шаҳри бехатар» ғолиб гардид.

Барои инъикоси фаъолияти Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он дар ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз тариқи расонаҳои иттилоотии электронӣ Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» ғолиб шуд.

Инчунин дар номинатсияи «Беҳтарин гузоришҳо оид ба пешгирии бехатарӣ дар роҳҳо» муҳаррири рӯзномаи «Имрӯз нюс» Назири Нусрат, «Беҳтарин гузориши телевизионӣ» Абдулло Муҳаммадиев ва «Инъикоси таъмини бехатарии роҳ байни наврасон ва кӯдакон» Асомиддин Шоназаров соҳиби ҷойҳои аввал гардиданд.

Ҳадаф аз баргузории озмуни мазкур инъикоси фаъолияти мақомоти БДА, пешгирии садамаҳои нақлиётӣ, таъмини бехатарии пиёдагардону велосипедронон, ронандагон ва мусофирон мебошад.

Аз рӯи маълумоти СММ, ҳар сол дар роҳҳои ҷаҳон 1 миллиону 300 ҳазор шахс қурбони садамаҳо шуда, то 50 миллион нафар маҷрӯҳ мегарданд. Ҳар чорумин марг дар садамаҳои нақлиётӣ ба пиёдагардону велосипедронон рост меояд. Барои ашхоси аз 5 то 29 - сола ҳодисаҳои нақлиётӣ хатари асосӣ барои ҳаёт ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар нақшаи глобалии «Даҳсолаи амал барои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо, 2021- 2030» омадааст, ки бояд фавт ва ҷароҳатбардорӣ дар ҳодисаҳои роҳу нақлиёт то соли 2030-юм 50 дарсад кам карда шавад.



Яке аз роҳҳои кам кардани садамаҳои нақлиётӣ тарғиби қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳҳо тавассути воситаҳои ахбори омма мебошад. То соли 2030 қариб 70 дарсади аҳолии ҷаҳон дар шаҳрҳо зиндагӣ хоҳанд кард. Аз ин рӯ, талабот ба нақлиёт, алалхусус нақлиёти ҷамъиятӣ меафзояд. Бинобар ин, тарғиботро дар самти бехатарии ҳаракат дар роҳҳо бештар бояд кард.

**С. СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# НӮШОКИИ ҚУВВАТДИҲАНДА ВА ОҚИБАТИ ИСТЕЪМОЛИ ОН




**Ҳоло ки фасли тобистон аст, шумораи зиёди одамон ҳангоми ташнагӣ ё худро хаста эҳсос намудан аз нӯшокиҳои қувватдиҳанда истифода мебаранд. Табибон истеъмоли ин навъи нӯшокиҳоро зараровар медонанд, зеро нӯшокиҳои қувватдиҳанда дар таркибашон глюкоза, кофеин, теобромин, таурин ва дигар моддаҳои ба системаи асаби инсон таъсиррасонанда доранд. Моддаҳои зикршуда эҳсоси хастагӣ ва хоболудиро коҳиш дода, қобилияти равониро зиёд карда, набзи дилро метезонанд. Таъсири вояи миёнаи кофеин тақрибан 3 соат давом мекунад, аммо он аз бадани инсон хеле суст хориҷ мешавад, аз ин рӯ ҳангоми истифодаи барзиёд метавонад ба организм таъсири манфӣ дошта бошад.**

Мудири шуъбаи тарзи ҳаёти солими Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии ташаккули тарзи ҳаёти солим» Муҳаммадҷон Шарифов дар ин бора чунин гуфт: «Нӯшокиҳои энергетикӣ метавонанд ба бехобӣ, асабоният, дарди шикам, номунтазамии тапиши дил оварда расонад. Истифодаи мунтазами миқдори зиёди кофеин боиси инкишофи нашъамандӣ - кофеинизм мегардад. Аз ин рӯ, меъёри истифодаи онро бояд риоя намуд».

Фарқияти таъсири манфии ин нӯшокиҳо танҳо дар он зоҳир мегардад, ки занон нисбат ба мардон аз ҷиҳати ҷисмонӣ андак камқувваттаранд ва нӯшидани миқдори камтар нисбат ба меъёр метавонад ба саломатии онҳо зарар расонад.

Дар қуттиҳои баъзе аз нӯшокиҳои қувватдиҳанда дарҷ гардидааст, ки ин гуна нӯшокиҳоро шахсони аз 18 - сола боло бояд нӯшанд, вале табиб тавсия медиҳад, ки шахсони аз 23 - сола поён аз ин нӯшокиҳо истифода набаранд. Чунки организми шахсони аз 23 - сола поён дар ҳоли инкишоф аст ва моддаҳои дар таркиби ин гуна нӯшокиҳо ҷойдошта метавонанд ба саломатӣ ва ҳолати равонии онҳо таъсири манфӣ расонида, кори ғадудҳоро тезонанд, ки ин ба ҳосилшавии аз меъёр зиёди ҳормонҳо оварда мерасонад. Аз меъёр зиёд ҳосил гардидани ҳормонҳо ба кори асаб, дилу рагҳои хунгард ва дигар узвҳои дохила созгор нест. Истифодаи ин нӯшокиҳо ҳамаи неруро ба асаб ва дилу рагҳои хунгард медиҳад, ки ба фаъолияти дигар узвҳои бадан таъсири манфӣ мерасонад.

- Дар натиҷаи аз меъёр зиёд нӯшидани нӯшокиҳо, афзоиши назарраси фишори хун ё сатҳи қанди хун имконпазир аст.

Инчунин, нӯшидани нӯшокиҳои қувватдиҳанда ба занони ҳомиладор, шахсони аз 18-23 - сола поён (аз ҷумла кӯдакони аз 16 - сола поён), ашхоси гирифтори бемориҳои фишорбаландиву дил, асаб, меъда ва амсоли инҳо қатъиян манъ аст,- қайд намуд Муҳаммадҷон Шарифов.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ,**
**«Садои мардум»**

# МУШКИЛОТИ МАРБУТ БА БОЗОР РАФЪ ШУД

**Тайи чанд соли охир симои шаҳри Ҳисор тағйир ёфта, аз баракати сулҳу ваҳдат, меҳнати созандаи сокинон ва ҳиммати баланди соҳибкорон ҳусну таровати тоза гирифтааст.**

Махсусан дар маркази ин шаҳри бостонӣ қомат афрохтани биноҳои баландошёнаи муосир, гулгаштҳои назаррабо, маркази савдою муассисаҳои хизматрасониро дида, дили кас аз ҳисси ифтихору фараҳ лабрез мешавад.

Дар баробари пешрафту ободӣ дар гузаштаи наздик дар шаҳр баъзе мушкилот низ мавҷуд буданд. Яке аз онҳо бенизомӣ дар атрофи бозори «Самоҳ» буд, ки солҳои зиёд идома дошт. Савдогарони кӯча роҳро банд карда, ба фурӯши меваю сабзавот, чаккаю маҳсулоти дигари хӯрокворӣ машғул мешуданд. Мошинҳои бетартиб дар атрофи бозор гузошташуда боиси тамбашавӣ мегардид. Ворид шудан ба кӯчаи Бобоҷон Ғафурови Ҷамоати шаҳраки Ҳисор мушкил гардида, хавфи ҳолатҳои садамавиро зиёд мекард. Барои пиёдагардон, махсусан кӯдакони мактабрав, гузаштан аз роҳи сермошин мушкил буд.

Илова бар ин, харидорону савдогарон партовҳоро беибо ба ҷӯй мепартофтанд, ки баъзан боиси банд шудани роҳи об ва ба роҳи мумфарш баромадани сели обу партов мегашт. Кӯшиши масъулон барои ба тартиб овардани вазъ чандон самара надод.

Хушбахтона, чанд муддат мешавад, ки бо амалӣ гардидани корҳои муҳим аз тарафи кормандони Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Ҳисор вазъият ба куллӣ тағйир ёфт. Дар муддати кӯтоҳ бенизомӣ рафъ гардид.

Сардори ШВКД дар шаҳри Ҳисор Раҳмон Давлатзода ҷорисозии назму тартибро зери назорати доимӣ гирифта, тавонист, ки фаъолияти муштараки нозирони роҳ, масъулони бозор нозирони минтақавӣ, шаҳрдорию мақомоти ҳифзи муҳити зист, маркази давлатии санитарию эпидемиологӣ ва дигар сохторҳоро ҳамоҳанг созад. Аз ин иқдом сокинону меҳмонони шаҳри Ҳисор истиқбол карда, ба ташаббускорони назму тартиб арзи сипос менамоянд.

- Солҳои зиёд дар маҳаллаи мо мушкилоти ҷамъ намудани партов ҷой дошт. Баъзан сокинони дигар маҳаллаю деҳот партовро ба мошинҳои сабукрав оварда, берун аз ҷойи муқарраршуда мепартофтанд. Иддае аз беназоратӣ партовро дар ҷӯй ҳаво медоданд, ки боиси ифлосии манбаи об мегардид. Имрӯз бошад, дар маҳалла ду партовгоҳи калони бетонӣ сохта шуда, мушкилоти дерина аз байн рафт. Акнун сокинони маҳаллаҳои ба номи Б. Ғафуров ва Юсуфӣ партовҳои маиширо ба ин партовгоҳҳо меоранд,- иброз намуд раиси маҳаллаи ба номи Б. Ғафурови Ҷамоати шаҳраки Ҳисор Роҳат Қурбонова.

Воқеан, он ҷое ки низому тартибот ҷорӣ бошад, дилгармӣ ба ободкорӣ бештар мешавад. Беҳуда нагуфтаанд:

**Назму тартиб ҳар куҷоест пойдор,**
**Зиндагию кор мегирад барор.**

**С. НАҶМИДДИНИЁН,**
**«Садои мардум»**

Навгониҳои илм

# «ЗАХИРАИ ХОРАЗМШОҲӢ»

## Донишмандони тоҷик онро пурра ба кириллӣ баргардонданд

**Кормандони Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Захираи Хоразмшоҳӣ»-ро, ки аз бузургтарин китобҳои тиббии Саид Исмоили Ҷурҷонӣ ба шумор меравад, пурра аз хати форсӣ ба кириллӣ баргардонданд.**

«Захираи Хоразмшоҳӣ»-ро мутахассисони соҳа дар таърихи илми тоҷикон нахустин ва барҷастатарину муфассалтарин асари энсиклопедии тиббие муаррифӣ мекунанд, ки ба забони тоҷикӣ-форсӣ таълиф гардидааст. Дар он номи бемориҳо, тарзи муолиҷаи онҳо, доруҳо, растаниҳои тиббӣ ва хӯрокӣ, меваҳо, маъҷунҳо (чизи аз чанд модда таркибёфта) ва амсоли инҳо возеҳ нишон дода шудааст. Ҷурҷонӣ ин асарро, ки аз 65 ҷузъ, 78 гуфтор (мақола) ва 1197 боб иборат буда, 10 китобро фаро мегирад, солҳои 1113-15 дар Хоразм навиштааст. Тавре муаллифи асар дар муқаддима зикр кардааст: «… ки табибро андар ҳеҷ боб ба ҳеҷ китоби дигар ҳоҷат набошад ва ба сабаби бозгаштан ба китобҳои бисёр хотираш пароканда нашавад...».

Бо сабаби ниёзе, ки мардуми минтақа ва Аврупо ба ин китоби пурарзиш доштаанд, қариб бо соири забонҳо китобат шудааст. Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ин китоб, аз ҷумла, ба забонҳои ибрӣ, туркӣ низ тарҷума гашта, чопи сангии он ба забони урду дар Ҳиндустон мавриди истифода будааст.

Чунин китоби арзишманди илмӣ чаро то имрӯз нашр нашуд? Ҳақиқат ин аст, ки ба хотири анҷоми ин кор ҳанӯз охири асри гузашта (соли 1980) донишмандони тоҷик иқдом гирифтанд, ки он натиҷаи дилхоҳ надод. Пас аз дувоздаҳ сол китоби нахустини «Захираи Хоразмшоҳӣ» баргардон шуда ва ба табъ расид, аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки номукаммал ва бидуни муқоиса бо дастнависҳои мавҷудбуда. Аз ин хотир, Маркази мероси хаттӣ иқдом пеш гирифт шакли комили китобро нашр намояд. Ба ин кор кормандони марказ Иззатулло Мирзоев, Баҳриддин Мирзоев, Маҳмудёр Шарифов ҷалб шуда, кор ҳанӯз соли 2018 оғоз гардид. Мутахассисон китобро дар асоси 5 нусхаи муътамади қаламӣ ва 7 нусхаи чопии маҳфуз дар Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баргардон намуданд.

- Захираи Хоразмшоҳӣ» ба сабаби муфассалу ҷомеъ будани мавзӯъҳои гуногуни тиббӣ, луғоту таркибот ва истилоҳоти зиёде, ки дар он ба кор рафтааст, яке аз сарчашмаҳои муҳим дар тиббу дорусозӣ, истилоҳоти тиббӣ ва забоншиносӣ аст. Муаллиф ҳини таълифи он беш аз 45 ҳазор истилоҳи тиббиро истифода кардааст. Теъдоде аз вожаҳову калимаҳо, ки мушаххас набуданд ва дар рафти кор мушкилоти зиёд пеш оварданд, бо хатти тоҷикии имрӯза мувофиқ кунонида, дар бахши луғатнома ба шакли навишти хатти форсӣ нишон дода шудаанд. Дар маҷмӯъ, барои ҳар ҷилд луғатнома бо тавзеҳи мухтасар тартиб дода шуда, дар бахши охир феҳристи мафҳумҳои асосӣ (бемориҳо ва доруҳо, гиёҳҳо…) оварда шудааст, - гуфт директори Маркази мероси хаттии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Раҳматкарим Давлатов.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# ДАР ВАНҶ САБЗИИ ТИРАМОҲӢ МЕКОРАНД

**Чанд сол муқаддам хоҷагии деҳқонии ба номи Таваккал Маҳмадшоеви ноҳияи Ванҷ усули нави кишти сабзиро ба роҳ монда, дар назди ҳавлиашон кишти навъи тирамоҳии онро ҷорӣ намуданд.**

Сабзӣ дар охирҳои моҳи ноябр кишт шуда, моҳи июн ба бозор бароварда мешавад. Сифат ва самараи сабзии тирамоҳӣ аз навъи баҳории он куллан фарқ мекунад.

Ин таҷриба имрӯз амали муқаррарӣ гашта, дар тамоми қисмати Ванҷ васеъ истифода мешавад. Ин усули муфид мушкилоти аз роҳи дур кашондани маҳсулотро осон кард. Соҳибкорон аз моҳи июн сабзии деҳқононро харидорӣ мекунанд. Деҳқонон пас аз бардошти ҳосили сабзӣ дар замин кишти такрорӣ мегузаронанд.

Сардори хоҷагӣ Ёдгор Мухторов иттилоъ дод, ки майдони кишти ин зироати фоидаовар сол ба сол меафзояд.

Деҳқонони Ванҷ ҳоло бозори ҳамаи ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро бо сабзӣ таъмин менамоянд.

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# АЗ «ДУВОЗДАҲМАҚОМ» ТО МЕРОСИ ФАРҲАНГИИ ҒАЙРИМОДДӢ

*Такомули «Шашмақом» чунин масир дорад*

**Оид ба моҳияти «Шашмақом» мухтасар метавон гуфт, ки ба шарофати он фарҳанги ғанӣ ва нотакрори миллати мо ба оламиён рӯнамой гардида, дар ақсои олам маҳбубияти зиёд доштанаш далели бебаҳс аст**

Ҳамон тавре пажӯҳишгарон собит кардаанд, «Дувоздаҳмақом» ва меросбари он «Шашмақом» аз суннатҳои силсилахонии замони Сосониён маншаъ гирифтааст. Муҳаммади Нишопурӣ дар асараш «Рисола дар илми мусиқӣ» овардааст: «Ҳафт пардаи аввал (аз «Дувоздаҳмақом») аз ихтирооти Борбад буда, панҷ пардаи дигарро устодони баъдӣ тасниф намудаанд».

Тавре аз рисолаҳои мусиқии асрҳои XIII-XVII «Китоб-ул-адвор»-и Урмавӣ, «Мақосид-ул-адвор» ва «Мақосид-ул-алҳон»-и Абдулқодири Гӯянда, «Рисолаи мусиқӣ»-и Ҷомӣ, «Рисолаи мусиқӣ»-и Кавкабии Бухоройӣ, «Туҳфат-ус-сурур»-и Дарвешалии Чангӣ бармеояд, «Дувоздаҳмақом» дар Эрону Озарбойҷон, Самарқанду Бухоро, Ҳироту Хуҷанд маъмул буд. Аввалин нишонаҳои ба «Шашмақом» табдил ёфтани «Дувоздаҳмақом» дар нимаи дуюми асри XVI оғоз гардидааст.

Истилоҳи «Шашмақом» маротибаи аввал соли 1856 рӯи кор омада, доир ба он дар «Рисолаи мусиқӣ»-и Мӯсохоҷаи Туркистонӣ (соли 1884) маълумот ироа шудааст. То солҳои бистуми асри гузашта жанри мавриди назар аз рӯи муқаррароти гуногун, аз ҷумла силсилавӣ, иҷрой, таснифӣ, аз устод ба шогирд рушд кард.

Иҷрокунандагони асили «Шашмақом» дар охири асри XIX ва ибтидои садаи XX Қорӣ Кароматии Дилкаши Танбӯрӣ, Бобоҷалол Носирзода, Furthermore Бобоғиёс Абдуғанизода, Мирзо Назрулло, Левӣ Бобохон (Левича), Домулло Ҳалим, Содирхони Ҳофиз, Ҳоҷӣ Абдулазиз буданд. Соли 1920 оҳангсоз ва мусиқидони рус В. А. Успенский (1879-1949), сабти нотавии «Шашмақом» - ро аз донандагони он Б. Носирзода (1845-1928) ва Б. Абдуғанизода (1859-1927) ба нота гирифт ва маҳсули заҳматаш соли 1924 бо номи «Шесть музыкальных поэм» (макомы) дар Москва ба чоп расид.



Боиси таассуф аст, ки солҳои 30-юми асри гузашта дар Тоҷикистон ақидае роиҷ гардид, ки «Шашмақом» мусиқии дарборӣ буда, ба замони нав мувофиқ нест. Дар робита ба ин, нимаи дуюми солҳои сиюми асри XX як идда композиторон ва мутахассисони мусиқӣ С. Баласанян, А. Ленский, С. Урбах ва дигарон барои ташкил ва инкишофи мактаби мусиқии касбӣ-композитории тоҷик ба Тоҷикистон омаданд. Ба мусиқии қадимаи тоҷикон жанрҳои нави мусиқии аврупоӣ опера, балет, симфония, консерт, кантата, оратория ва ғайра ворид гардид. Илова бар ин, омӯзиши мусиқӣ ба тарзи аврупоӣ ба роҳ монда шуд.

Ҷанбаи манфии ин раванд дар он зоҳир мегардид, ки ташаккули мусиқии нави касбӣ дар муқобилгузорӣ бо мусиқии анъанавии тоҷик сурат гирифт. Мувофиқи сиёсати он вақт намуди нави мусиқии касбӣ бояд шакли «куҳна»-и онро иваз мекард, зеро ба ақидаи баъзеҳо омезиши мусиқии анъанавии тоҷик бо мусиқии нави касбӣ - композиторӣ (русиву ғарбӣ) ғайриимкон буд. Ин таҳриф боиси таназзули қонуниятҳои мусиқии суннатӣ ва тахриби мактаби «устод-шогирд» гардид.

Беҳтарин намояндагони мактаби иҷроии мақомхонии Бухоро Бобоқул Файзуллоев (1897-1977), Шоҳназар Соҳибов (1903-1972) ва Фазлиддин Шаҳобов (1911-1974) бо ҳидояти устод Айнӣ (1878-1954), дастгирии Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров (1908-1977) ба нота гирифтани суруду оҳангҳои «Шашмақом»-ро оғоз карданд. Бояд зикр кард, ки дар ин кор саҳми композитор И. Рогалский низ бориз аст.

Ҷилди якуми «Шашмақом» бо номи мақоми «Бузург» соли 1950 ва мақомҳои дигар (умуман дар панҷ ҷилд, зери таҳрири мусиқишиноси рус Виктор Михайлович Беляев (1886-1968) то соли 1967 ба табъ расиданд. Соли 1964 дар назди Кумитаи радио ва телевизиони назди Ҳукумати РСС Тоҷикистон ансамбли «Шашмақом» таъсис ёфт, ки дар рушди минбаъдаи санъати мақомсаройӣ нақши бузург гузошт.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ, ба шарофати дастгириву таваҷҷуҳи хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳилаи сифатан нави такомули мақомсаройӣ шурӯъ гардид.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 12-уми майи соли 2000 ба дастаи мақомхонони назди Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми давлатӣ ва номи устоди «Шашмақом» Фазлиддин Шаҳобов дода шуд. Дар ин замина, ҳар сол Рӯзи «Шашмақом» таҷлил мегардад. Дар партави ин фармон, дар шаҳру ноҳияи мамлакат дастаҳои мақомсароён ташкил ёфтанд.

Муҳимтар аз ҳама, соли 2003 бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон созмони фарҳангии байналмилали ЮНЕСКО «Шашмақом»-ро шоҳкории мероси фарҳанги ғайримоддӣ эълон намуд.

Дар маҷмӯъ, «Шашмақом» яке аз шоҳкориҳои инсоният ба ҳисоб рафта, ба мо мансуб буданаш боиси ифтихормандист.

**Таҳияи Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

Китоби нав




# ҲИКОЁТИ ИБРАТОМӮЗ

**Ҳамкори мо Шарофат Абдулвоҳидова барои баҳраманд гардидани дӯстдорони каломи бадеъ дари ҳикматсароеро кушодааст, ки хеле арзишманд аст. «Ҳикматсарои зиндагӣ» унвони китоби наваш аст, ки дар тасвири болои муқоваи он дасти модар пардаеро мекушояд ва манзараи сабзу хуррам пеши назар ҷилвагар мешавад. Бале, модарон чароғи хонадону рӯзгоранд, роҳбару роҳнамоянд ва муаллиф китобашро ба модари меҳрубонаш Марҳабо бахшидааст.**

«Ҳикматсарои зиндагӣ» аз ҳикоёти ҷолибу пандомези адабиёти ҷаҳонӣ, аз ҷумла нависандагони маъруф О. Генри, Ги де Мопассан, Антон Чехов, иборат аст, ки Шарофат онҳоро тарҷума кардааст. Барои тақвияти суханҳо як ҳикоятеро аз китоб меорем ва бовар дорем, ки таваҷҷуҳи хонандагонро ҷалб мекунад:

«Падару писар аз байни кӯҳҳо мегузаштанд. Писарбача ба санг пешпо хӯрду афтод ва дод зад:

- Вой!!!

Он гоҳ аз куҷое аз паси кӯҳ садое шунид:

- Вой!!!

Кунҷковӣ ва ҳисси тарс писаракро фаро гирифта, фарёд зад:

- Дар он ҷо кист?

Ҷавоб гирифт:

- Дар он ҷо кист?

Ба ғазаб омада фарёд зад:

- Тарсончак!

Боз ҷавоб омад:

- Тарсончак!

Писарак ҳайрон шуда, ба падараш нигариста пурсид:

- Падарҷон, ин чист?

Мард табассумкунон, ба ҷои ҷавоб, дод зад:

-Писарам, ман туро дӯст медорам!

Овоз ҷавоб дод:

-Писарам, ман туро дӯст медорам!

Мард боз бо садои баланд гуфт:

- Ту беҳтаринӣ!

Овоз ҷавоб дод:

- Ту беҳтаринӣ!

Ҳайрати кӯдак боз зиёдтар шуда, ба чизе сарфаҳм нарафт. Он гоҳ падар ба ӯ фаҳмонд:

- Одамон онро «акси садо» меноманд, аммо дар асл ин ҳаёт аст. Ҳама чизеро, ки мегӯеду мекунед, боз бармегардад.».

«Алафҳои бегона», «Арзиши пули коғазӣ», «Дарси ҳаёт», «Марги мансабдор», «Кӯза ва об», «Пашша ва занбӯри асал», «Ҳариси зар» ва дигар ҳикоёти маҷмӯа низ ибратомӯзанд. «Ҳикматсарои зиндагӣ» дар нашриёти «ЭР-граф» бо сифати баланд чоп шудааст.

**Б. КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

# ИТТИЛООТ

## дар бораи Маҷлиси умумии солонаи саҳмдорони Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии «Роғун»

**Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Роғун» иттилоъ медиҳад, ки 16 - уми июни соли 2023, соати $9^{00}$ дар бинои Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон», воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 5, Маҷлиси умумии солонаи саҳмдорон баргузор гардид. Тибқи рӯзномаи маҷлис, дар он масъалаҳои зерин баррасӣ шуданд:**

1. Ҳисоботи солона ва ҳисоботи истеҳсолӣ ва молиявии ҶСК «НБО Роғун» дар соли 2022
2. Хулосаи аудитори ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2022
3. Ҳисоботи комиссияи тафтишотӣ оид ба фаъолияти молиявии ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2022
4. Оид ба зиёд намудани сармояи оинномавии ҶСК «НБО Роғун»
5. Оид ба ворид намудани тағйирот ба оинномаи ҶСК «НБО Роғун»
6. Интихоби аъзои шӯрои нозирони ҶСК «НБО Роғун»
7. Интихоби аъзои комиссияи тафтишотии ҶСК «НБО Роғун»
8. Интихоби аъзои комиссияи баҳисобгирии ҶСК «НБО Роғун»
9. Тасдиқи аудитори ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2023 ва подошпулии он.

**Дар натиҷаи муҳокима ва овоздиҳӣ нисбат ба масъалаҳои рӯзномаи маҷлис қарорҳои зерин қабул гардиданд:**

- ҳисоботи солона ва ҳисоботи истеҳсолӣ ва молиявии ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2022 тасдиқ карда шуд;
- хулосаи аудитори ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2022 тасдиқ карда шуд;
- ҳисоботи комиссияи тафтишотӣ оид ба фаъолияти молиявии ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2022 тасдиқ карда шуд.

Қарор қабул карда шуд, ки сармояи оинномавии ҶСК «НБО Роғун» бо роҳи барориши саҳмияҳои иловагӣ ба миқдори 14 400 000 (чордаҳ миллиону чорсад ҳазор) адад саҳмияҳои одӣ бо арзиши номиналии ҳар як саҳмия баробар ба 100 (сад) сомонӣ ба маблағи 1 440 000 000 (як миллиарду чорсаду чил миллион) сомонӣ зиёд карда шавад.

Сармояи оинномавии ҶСК «НБО Роғун» ба маблағи умумии 41 000 000 000 (чилу як миллиард) сомонӣ муайян карда шуд.

ҶСК «НБО Роғун» вазифадор гардид, ки тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ бақайдгирии зиёдшавии сармояи оинномавӣ ва барориши саҳмияҳои иловагии ҷамъиятро дар мақомоти ваколатдори давлатӣ таъмин намояд.

Вобаста ба ин, қарор қабул гардид, ки дар сархати якуми банди 20 оинномаи ҶСК «НБО Роғун» тағйироти зарурӣ ворид карда шаванд.

Аъзои шӯрои нозирони ҶСК «НБО Роғун» дар ҳайати 12 нафар муайян ва интихоб гардиданд.

Мутобиқи қарорҳои дахлдори маҷлис аъзои комиссияи тафтишотӣ дар ҳайати 5 нафар ва комиссияи баҳисобгирии ҷамъият дар ҳайати 15 нафар интихоб карда шуданд.

Инчунин тибқи қарори қабулнамудаи маҷлис ҶДММ «Бейкер Тилли Тоҷикистон» барои гузаронидани санҷиши аудитории фаъолияти молиявии ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2023 ва маблағи подошпулии он ба андозаи 416 640 (чорсаду шонздаҳ ҳазору шашсаду чил) сомонӣ бо дар назар доштани андозҳо, тасдиқ карда шуд.

**ҶСК «НБО Роғун»**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**11-уми августи соли 2023 музоядаи № 2-ро оид ба фурӯши амволи БСТТИСТ «Тоҷпромбонк», ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд**

| № | Номгӯй | Суроға | Қитъаи замин (м²) | Масоҳати сохтмон (м²) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бино ва иншооти базаи маъмурию истеҳсолии ҶДММ «Тропикан инвест» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад | 6240 | 1594 | 5 000 000 |
| 2 | Бино ваиншооти минтақаи истироҳатӣ | ноҳияи Варзоб, деҳаи Харангон | 46902 | 2125 | 2 400 000 |
| 3 | Бинои фабрикаи дӯзандагии «Шарофат» | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Қаюмов - 1 | 5800 | 3193 | 18 000 000 |
| 4 | Бино ва иншооти базаи истеҳсолӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Қаюмов -2 | 20800 | 1238 | 4 000 000 |
| 5 | Бинои филиали БСТТИСТ «Тоҷпромбонк» | шаҳри Гулистон, кӯчаи Мирзо Турсунзода, хонаи 2 | 1490 | 365 | 1 700 000 |
| 6 | Бинои маъмурӣ, сехи нстеҳсолӣ ва сехи таъмири нақлиёти автомобилӣ дар ҳудуди ҶСШК «Заводи ба хелҳо ҷудокунии шағал» | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Холматов, гардиши Чойрух-Дайрон | 1313 | 2020 | 700 000 |
| 7 | Дӯкони тиҷоратӣ | ноҳияи Рашт, кӯчан Усмон | 10 | 10 | 89 645 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон -21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда: **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **$10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда барои иншоотҳо 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**11 - уми августи соли 2023 музоядаи № 3-ро оид ба фурӯш ё ба иҷора супоридани амволи ҶСК «Фононбонк» ва ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк», ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд**

**ҶСК «Фононбонк»**

| № | Номгӯй | Суроға | Масоҳати бино (м²) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои мағоза | ш. Душанбе, кӯчаи Мир №83/4 ҶДММ «Мурғи Муъминобод» | 301,9 | 1 806 584,0 |
| 2 | Маркази савдо | ш. Душанбе, маркази «Дарвоз», кӯчаи Сомон - № 432 | 183,9 | 1 800 000,0 |
| 3 | Бинои ҶСК «Доруи Тоҷик» | ноҳияи Айнӣ, Ҷамоати деҳоти Айнӣ, кӯчаи Рӯдакӣ - №21 | 1708,0 | 3 528 370,0 |
| 4 | Бинои мағоза (ду адад) | ш. Душанбе, кӯчаи Мир - №83/4 ҶДММ «Мурғи Муъминобод» | 236,7 | 1 540 839,0 |
| 5 | Манзили истиқоматӣ | ш. Душанбе, кӯчаи Қаротегин - 496 | 123,5 | 210 000,16 |
| 6 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ« Абр Текстил» | ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, ошёнаи 15, блоки В | 56,9 | 440 064,60 |
| 7 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Абр Текстил» | ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, ошёнаи 14, блоки В | 56,9 | 440 064,60 |
| 8 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Абр Текстил» | ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, ошёнаи 11, блоки Г | 45,5 | 351 897,0 |
| 9 | Манзили истиқоматӣ | ш. Душанбе, кӯчаи Сари Осиё, хонаи 34 | 183,9 | 542 280,0 |
| 10 | Экскаватор | тамғаи Хундай Робекс 300, ЛС-9 | --- | 835 030,0 |
| 11 | Манзили истиқоматӣ | ш.Душанбе, кӯчаи Навбаҳор - 2/2, хонаи 13 | 112,2 | 830 000,0 |
| 12 | Истироҳатгоҳ | ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзобқалъа, дсҳаи Очук | 87,8 | 850 000,0 |
| 13 | Манзили истиқоматӣ | ш. Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ, хонаи берақам | 511,4 | 1 080 353,0 |
| 14 | Ҳавлии истиқоматӣ | ш.Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Ҷангалобод - 2 | 340,2 | 666 000,0 |
| 15 | Бинои маъмурӣ | ноҳияи Файзобод, кӯчаи А. Ҷомӣ - 1/2 | 168,1 | 206 972,0 |
| 16 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Чузӣ, деҳаи Элок | 129,0 | 341 551,0 |
| 17 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Чузӣ, деҳаи Элок | 323,4 | 151 643,0 |
| 18 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, деҳаи Боғистон , кӯчаи 70 - солагии М. Турсунзода | 179,4 | 130 907,0 |
| 19 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Дурбат, деҳаи Манзар | 93,4 | 307 768,0 |
| 20 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Рудакӣ, Ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Қӯштеппа | 175,1 | 417 626,0 |
| 21 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Ҷайҳун, Ҷамоати деҳоти Истиқлол, деҳаи Телман | 213,0 | 276 346,0 |
| 22 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Тахти Сангин, деҳаи Болшевик | 326,0 | 632 436,0 |
| 23 | Манзили истиқоматӣ | ш. Кӯлоб, кӯчаи Борбад, хонаи 23, ҳуҷраи 35 | 47,2 | 133 670,0 |
| 24 | Сехи истеҳсоли коғази ташноб | ш. Бохтар ва Левакант | 976 | 323 981,0 |
| 25 | Таҷҳизоти KHUMO INGINEERING | Тамғаи «GDS-308E» ҶДММ «Абдулазиз», ноҳияи Ховалинг | --- | 885 168,0 |
| 26 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Б. Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Исфисор, кӯчаи Бӯстон | 508,8 | 766 442,0 |
| 27 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Ленинобод, деҳаи Чорбоғ | 29,70 | 175 075,0 |
| 28 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Ҷ. Расулов Ҷамоати деҳоти Сомониён, деҳаи Зарафшон | 129,6 | 146 708,0 |
| 29 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Пошкент, деҳаи Яккабоғ | 92,10 | 126 095,0 |
| 30 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи А. Бобоҷон хонаи 9 | 60,60 | 389 532,0 |
| 31 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи Г. Самиев хонаи 27а | 289,40 | 173 978,0 |
| 32 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи М. Мусоев хонаи №11 | 863,0 | 604 115,0 |
| 33 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Гули сурх, маҳаллаи Ясӣ | 50,60 | 543 796,0 |
| 34 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Гули сурх, деҳаи Куруштак | 108,50 | 487 970,0 |
| 35 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи Бобобарот, хонаи №13 | 46,4 | 235 924,0 |
| 36 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Қалъачаи калон, деҳаи Сурхӣ | 110,90 | 232 755,0 |
| 37 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи Чкалов, хонаи №13 | 49,45 | 186 430,0 |
| 38 | Манзили истиқоматӣ | ш.Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Гули сурх, маҳалаи Ясӣ | 153,60 | 268 728,01 |
| 39 | Экскаватор | Тамғаи WOLVO, рақами давлатӣ 226 TA 01 TJ, шаҳри Истаравшан | --- | 450 000,0 |
| 40 | Бинои ҶСК «Доруи Тоҷик» | ноҳияи Зафаробод, кӯчаи И. Сомонӣ - 39а (ҶДММ «Доруи Тоҷик») | 745,0 | 4 400 000,0 |
| 41 | Бинои маъмурии ҶДММ «Зарбед» | ш. Конибодом, кӯчаи К. Хуҷандӣ -16 | 251,1 | 798 022,75 |
| 42 | Манзили истиқоматӣ | ш. Хуҷанд маҳаллаи 33, хонаи 31, ҳуҷраи 16 | 44,4 | 177 043,67 |
| 43 | Кисми заводи оҳану бетони ЖБК ҶДММ «Хуҷаназар» | ш.Хоруғ, кӯчаи Имроншоев - 55 | 3029,04 | 5 150 991,0 |

**ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»**

| № | Номгуй | Суроға | Масоҳати бино (м²) | Қитъаи замин (м²) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Фермаи комплексӣ | ноҳияи Ҳамадонӣ, Ҷамоати деҳоти Панҷрӯд | 8 672,0 | 30 000,0 | 1 150 000,0 |
| 2 | Мағоза | ноҳияи Вахш, Ҷамоати деҳоти 20-солагии Истиқлолият, кӯчаи Пахтакор | 135,0 | 200,0 | 127 926,0 |
| 3 | Бинои филиали ҶСП «Тоҷпромбонк» | ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, Ҷамоати деҳоти Иван Тоҷик, деҳаи Оббурун | 126,06 | 267,0 | 500 000,0 |
| 4 | Меҳмонхонаи Анис ҶСК «Ҳасан Абдулло» | ноҳияи Мастчоҳ, шаҳраки Бӯстон, кӯчаи С. Акрамов | 1 900,0 | 2 003,7 | 3 400 000,0 |
| 5 | Бинои фабрикаи 1 бофандагии ҶСП «АСХИЁ» | шаҳри Конибодом, кӯчаи Бобокалонов - 34 | 23 543,0 | 69 606,0 | 13 471 200,0 |
| 6 | Бинои сехи ресандагию бофандагии ҶСП «Ресмон» | ш. Конибодом, Ҷамоати деҳоти ба номи Ҳ. Содиқ - 45 | 7 750,0 | 38 000,0 | 10 869 006,0 |
| 7 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Партнёр» | ш.Душанбе, кӯчаи академик Адҳамов ошёнаи 1, блоки «Г» | 53,6 | --- | 481 757,0 |
| 8 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Партнёр» | ш.Душанбе, кӯчаи академик Адҳамов, ошёнаи 12, блоки «Г» | 128,9 | --- | 1 158 553,0 |
| 9 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Партнёр» | ш.Душанбе, кӯчаи академик Адҳамов ошёнаи 12, блоки «Г» | 128,8 | --- | 1 157 654,0 |
| 10 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Партнёр» | ш. Душанбе, кӯчаи академик Адҳамов ошёнаи 12, блоки «Г» | 128,9 | --- | 1 158 553,0 |
| 11 | Бинои филиали ҶСП «Тоҷпромбонк» | ноҳияи Муъминобод, кӯчаи Раҳимов | 702,0 | 2 300,0 | 1 000 000,0 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21**, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74**.

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **$10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи шахсони ҳуқуқии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Дарвози ВМКБ 14-уми июни соли 2011 ба Таълимгоҳи Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи ВМКБ дар Ҷамоати деҳоти Сағирдашти ноҳияи Дарвоз (РЯМ 7310000656) додааст, ҳамчунин мӯҳри гумшудаи ҳамин ташкилот, эътибор надоранд.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №62-и шаҳри Ваҳдат соли 1978 ба Бегова Шамсия Ҷалоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0433309-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Ёвон дар асоси қарори раиси Ҷамоати деҳоти «Ситораи сурх» таҳти №426 санаи 10-уми июли соли 2007 ба сокини деҳаи Фирдавсӣ Қодирова Дилором додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0433310-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Ёвон дар асоси қарори раиси Ҷамоати деҳоти «Ситораи сурх» таҳти № 427 санаи 10-уми июли соли 2007 ба Қодиров Додарҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Миралӣ, бинои 124, хонаи 9 ба Камолов Саидмумин додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи №31-и гумшуда, ки байни ҶДММ «Олим К» ва шаҳрванд Раҷабов Баҳриддин Баҳодурович, ки 13 - уми январи соли 2019 бо мақсади саҳмгузорӣ дар бунёди бинои истиқоматӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Р. Каримов, бинои 18-ошёна, ошёнаи 13, хонаи 71 баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №80-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло МТМУ №107-и шаҳри Душанбе) соли 1982 ба Нажмудинова Давлятби Сайфудиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №210-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло МТМУ №110-и ноҳияи Рӯдакӣ) соли 2001 ба Давлятов Фирдавс Назармаҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2020 ба Убайдов Сиёвуш Рустамович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Крупская, хонаи 12 ба Умарова Зайнаб додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии гумшуда, ки онро Идораи 2-юми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе, таҳти феҳристи РДУ – 934 15-уми декабри соли 1994 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Крупская, хонаи 12 ба Умарова Зайнаб Маҳрамовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулки №2235-и гумшуда, ки онро Комиссия оид ба қонунигардонии молу мулки ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 29-уми декабри соли 2008 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Крупская, хонаи 12 ба Умарова Зайнаб додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КФД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 2-юми кӯчаи Айнӣ, бинои 48 «в», хонаи 9 ба Акрамов Ҳусейн Қурбонбоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҳадяи квартираи гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти феҳристи 1Ш-512 23-юми апрели соли 2010 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 2-юми кӯчаи Айнӣ, бинои 48 «в», хонаи 9 ба Акрамов Ҳусейн Қурбонбоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Крупская, хонаи 12 ба Умарова Зайнаб додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Таълимгоҳи Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи ВМКБ дар Ҷамоати деҳоти Сағирдашти ноҳияи Дарвоз (РЯМ 7310000656), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0100781 мебошад, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Муслим тиҷорат» (РМА 040056344, РЯМ 0410034525), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0281341 буда, 7-уми декабри соли 2019 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «ПАЛКОВНИК», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ бо РЯМ 0110016161 ва РМА 010090721 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 18 феврали соли 2013 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 10 июли соли 2023, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34505 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97